**ТАҚРИЗ**

**Ба автореферати диссертатсияи Гулов Аҳлиддин Боймуродович дар мавзуи «Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.02 - «Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин».**

Дар Тоҷикистон бо мақсади рушди соҳаи боғдорӣ, таъмин намудани бозори дохилӣ бо мева, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ, ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ "Барномаи рушди соҳаи боғдорӣ ва токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020" қабул карда шуда, оид ба барқарорсозӣ ва бунёди плантатсияҳои нави серҳосили интенсивӣ ё суперинтенсивии боғҳо ва расонидани ҳосилнокии боғҳо ба 70-80 тонна/га мева вазифагузорӣ карда шудааст.

Як минтақаи муҳими Тоҷикистон, ки боғдории обёришаванда низ босуръат рушд хоҳад кард, ин болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон мебошад. Дар солҳои наздик масоҳати боғҳо дар ин минтақа бояд зиёда аз 20,0 ҳазор га расонида шаванд, ки дар ин замина ташкили боғҳои муосири интенсивӣ афзалияти бештар доранд.

Мақсади кори диссертатсионӣ дар таъмини тавозуни гидроэкологӣ дар истифодаи захираҳои об, таҳияи технологияи обёрии боғи себи интенсивӣ, истифодаи устувор ва нигоҳдории ин система ва истифодаи самараноки захираҳои об ва замин дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон (БОҲДК) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои дарёфти ҳалли ин мақсад унвонҷӯ вазифаҳои зеринро ҳал кардааст:

– баҳодиҳии шароити гидрологӣ, табиӣ, иқлимӣ ва тадбирҳои пешниҳодшуда оид ба таъмини устувори гидроэкологии истифодаи захираҳои об дар БОҲДК;
– муайян кардани эвапотранспиратсия, тавозуни об ва меъёри обёрӣ барои рушди боғи ҷавон ҳангоми обёрии қатрагӣ;
– баҳодиҳӣ ба рушд ва ҳосилнокии боғи ҷавони интенсивӣ ҳангоми обёрии қатрагӣ;
– омӯхтани хусусиятҳои истифодабарӣ ва равандҳои технологии системаи обёрии қатрагии боғи интенсивӣ;
– самаранокии иқтисодии обёрии қатрагии боғи интенсивӣ.

Дар натиҷа ин вазифаҳои гузошта шуда пурра аз ҷиҳати илмӣ амалӣ иҷро гардидаанд ки ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам аҳамияти амалӣ

барои рушди соҳаи боғпарварӣ дар водии Ҳисор ва дигар минтақаҳо дорад.

Натиҷаҳо таҳқиқоти А. Гулов дар истеҳсолот васеъ истифода бурда мешавад, ки бо маълумотномаҳо аз Тоҷикгипроводхоз ва боғи Ситабр Агро тасдиқи худро ёфтанд.

Эъродҳо ва пешниҳодҳо

1. Дар автореферат оид ба навъҳои себи қитъаи таҷрибавӣ маълумот оварда нашудааст. Мумкин он дар диссертатсия бошад?

2. Масъалаи эрозияи хок ҳангоми обёрии ҷӯякӣ баҳо дода нашудааст. Оё имконияти пешгирии эрозия ҳангоми обёрии ҷӯякӣ дар заминҳои нишебиашон калон мавҷуд мебошад ва он чӣ тавр ҳал карда мешавад?

Новобаста аз камбудиҳои дар боло қайд шуда диссертатсия ҳамчун асари илмии мукаммал ҳисобида мешавад. Он пурра ба талаботи «Тартиби додани унвонҳои илмӣ»-и Замимаи 2-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 мувофиқат мекунад ва муаллифи он Гулов Аҳлиддин Боймуродович аз рӯи ихтисоси 06.01.02 – Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин (илмҳои техникӣ) сазовори дарёфти унвони илмии номзади илмҳои техникӣ мебошад.

Президенти Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон, академики
АИКТ, доктори илмҳои кишоварзӣ Асозода Н.М.

Имзои Президенти АИКТ, академики АИКТ, д.и.к. -ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои АИКТ Ахмедова М.